Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

30 январи соли 2002. Чоршанбе № 8 (12751)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 19.20 имзо гардид.

## Ба ҷамоаи Ширкати миллии ҳавопаймоии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари»

Дӯстони азиз!

Шумоёнро бо ҷашни даҳсолагии Ширкати миллии ҳавопаймоии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» аз самими қалб муборакбод менамоям.

Амиқан он чиз қонунист, ки яке аз иқдоми аввали Ӯзбекистон баъди ба даст омадани истиқлолият созмон додани Ширкати миллии ҳавопаймоӣ гардид. Имрӯзҳо агар бигӯем, ки соҳаи ҳавопаймоии шаҳрвандии мо дар раванди ҳамгароии мамлакат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, вусъату таҳким ёфтани ҳамкории ҳамаҷониба бо бисёр давлатҳо нақши муҳими ба худ хосеро мебозад, ягон муболиғае намебуд.

Комёбиҳое, ки дар бадали даҳ соли сипаришуда ба даст овардаед, амалан нишон медиҳанд, ки то чӣ андоза аз ҷониби мо стратегияи ҳавопаймоии шаҳрвандии ватанамон хуб таҳия гардидааст. Моҳияти стратегияи мазкур ба шумоён, ҳавопаймоён, хуб маълум аст.

Ба душвориҳои давраи гузариш нигоҳ накарда, ба рушди соҳаи мазкур аҳамияти аввалиндараҷа додем ва онро ба ҳисоб гирифтем, ки барои мо соҳаи ҳавопаймоӣ — калид барои ворид гаштан ба бозори ҷаҳонӣ мебошад. Якҷоя бо такмил додани саройи тайёраҳо таҷдиди майдонҳои ҳавоӣ ва низоми идораи ҳаракат тавассути роҳи ҳавоӣ амалӣ гардонда шуд. Дар мӯҳлати ниҳоят кӯтоҳ замина оид ба хизматрасонӣ ба техникаи ҳавопаймоӣ ва тайёркунии кадрҳои ҳавопаймоиву техникӣ барои намудҳои аз ҳама замонавии тайёраҳо ба вуҷуд оварда шуд, ки ҷавобгӯи андозаҳои байналхалқӣ ва технологияи пешқадам буданд.

Имрӯзҳо тайёраҳо бо нишони «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» ба беш аз 40 майдони ҳавоии давлатҳои мухталиф парвоз мекунанд. Ширкати ҳавопаймоӣ соҳиби обрӯву эътибори ҷамоаҳои аз ҳама боэътимоду аз ҳама муназзам инкишофёбандаро ба даст овардааст.

Хурсандиовар аст, ки натиҷаҳои баланди шумо дар соҳаи бехавф ва хушсифат ба иҷро расондани парвозҳо борҳо аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқии ҳавопаймоии бонуфуз қайд карда шуд.

Аз ҳама муҳимаш дигаргунсозиҳои амиқе, ки дар бадали ин солҳо дар соҳаи ҳавопаймоӣ ба даст омаданд, ба таҳкими иқтисодиёти давлатамон ва афзудани обрӯву эътибори он дар хориҷ мусоидат намуданд.

Мехостам махсусан зикр намоям, ки дар комёбиҳои калони халқи мо дар бобати ба рӯи об баровардани ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ ҳиссаи шумоён, коркунони флоти ҳавоии Ӯзбекистон, ҳар кадоми шумо — летчикҳо, штурманҳо, муҳандисон, техникҳо, диспетчерҳо, тамоми ҷамоаи сермиллати ширкати ҳавопаймоӣ мебошад.

Дараҷаи баланди касбии шумо, дониш ва таҷриба, мардонагӣ ва маҳорататон асоси боэътимод барои пешрафти минбаъдаи соҳа нерӯи иқтисодии мамлакатамон мебошад.

Шумоёнро бори дигар бо ин санаи фархунда муборакбод менамоям ва комёбиҳои навро дар меҳнататон ба хотири шукуфонии Ватан, фатҳи куллаҳои баланд ва парвозҳои бехатарро, ба шумоён, азизонам таманно дорам!

**Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

## Зуҳуроти муҳими демократия

Дар мамлакатамон раъйпурсӣ бахшида ба масъалаҳои ба вуҷуд овардани парлумони дупалатагӣ ва тағйир додани мӯҳлати конститутсионии ваколати Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз панҷ ба ҳафт сол ба дараҷаи баланди ташкилӣ гузашт. Масъалаҳои мазкур омили муҳим дар бобати боз ҳам пурзӯр гардидани ислоҳот дар ҳаёти давлату ҷамъият дар роҳи рушди дурнамои мамлакатамон ба ҳисоб меравад. Гузаронидани ин тадбири муҳими ҷамъиятиву сиёсӣ мувофиқи тамоми усулиятҳои демократӣ, роҳи овоздиҳии озод боз як гувоҳ аз торафт мустаҳкам шудани демократия дар мамлакатамон мебошад.

27 январ Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов чун тамоми шаҳрвандони ҷумҳуриятамон дар раъйпурсӣ иштирок намуд.

Сарвари давлатамон дар қитъаи рақами 648-уми гузарондани раъйпурсии ноҳияи Яккасаройи шаҳри Тошканд овоз дод.

Дар ҳамон ҷо ҳангоми мусоҳиба барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавии маҳаллӣ ва хориҷ Ислом Каримов зикр намуд, ки чунин тадбирҳои муҳими ҷамъиятиву сиёсӣ ба демократикунонии давлату ҷамъияти дилхоҳ хизмат мерасонад.

— Воситаҳои ахбори оммавӣ бояд халқро аз аҳамияти раъйпурсии мазкур, нақши он дар дигаргунсозиҳои давлату ҷамъият ба қадри зарурӣ бохабар созанд,— гуфт Президент. — Амалан дар ҳаётамон истифода бурдани масъалаҳое, ки ба раъйпурсӣ гузошта шудаанд, иқдоми сазоворона дар роҳи минбаъда озодкунии ҳаёти сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Тадбири мазкур омили муҳим дар такмил додани идораи давлат, низоми сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Раъйпурсӣ ҳамчунин ба дигаргунсозиҳо дар низоми қонунгузории мо таъсири мусбӣ мерасонад. Пеш аз ҳама масъалаи қабул кардани қонунҳои нав, муносибат байни ҳокимияти қонунбарору иҷроия ба дараҷаи нав баланд бардошта мешавад. Нақш ва ваколати парлумон пурзӯр мегардад. Баробари созмон додани палатаҳои поёниву болоӣ ҳокимияти пурқуввати қонунбарорӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Ҷоиз аст бигӯем, ки палатаи поёнӣ дар пойгоҳи доимӣ кор мекунад. Ва он ба баланд гардидани дараҷаи қонунбарорӣ мусоидат карда, ба ислоҳоте таъсири мусбӣ мерасонад, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт амалӣ гардонда мешавад.

Президент диққату эътиборро ба он ҷалб сохт, ки палатаи болоӣ барои мамлакат аҳамияти калон касб мекунад. Палатаи болоие, ки мо ташкил карданием, гуфт сарвари давлатамон, ба зиммаи худ як қатор ваколатҳоро мегирад. Аз он ҷумла, ҳокимияти иҷроия аз рӯи бисёр масъалаҳо маҳз дар назди палатаи болоӣ ҳисобот медиҳад. Ба фикрам, маҳз ба ҳамин палата як қатор ваколатҳои Президентро гузоштан лозим. Мо ба он саъю кӯшиш мекунем, то ки вай чун палатаҳои давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққии Ғарб арзи ҳастӣ кунад.

Дар мамлакати мо гузарондани тадбири мазкури сиёсӣ яке аз зуҳуроти демократия ба ҳисоб меравад. Вале он чиз дуруст мебуд, агар касе, ки фикрҳои мухталифро дар бораи демократия дар Ӯзбекистон баён мекунад, онро бо демократия дар Аврупову ИМА муқоиса накунад, балки аз нигоҳи мутобиқат кардан ба динамика дар роҳи комёбиҳои мо оиди демократия арзёбӣ мекард, хуб мебуд. Дар ин бобат он чиз аҳамияти муҳим дорад, ки дар ин раванд мо арзишҳои умумиинсонӣ ва демократиро аз хотир набароварда, ҳамчунин худшиносии миллии чандинасринаамонро ҳам фаромӯш намекунем.

Ислом Каримов зикр намуд, ки натиҷаҳои мусбии раъйпурсӣ ҳаёти сиёсии мамлакатро ба куллӣ тағйир медиҳад. Вай ҳамчунин ба саволҳои сершуморе, ки паёмнигорон мароқ зоҳир намуданд, ҷавоб гардонд.

**Анвар КАРИМОВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Раъйпурсӣ аз нигоҳи хориҷиён

Ҷараёни овоздиҳии шаҳрвандро ҳини дар Ӯзбекистон ба рӯи об баровардани раъйпурсӣ назоратчиёни хориҷие назора карданд, ки тақрибан аз 40 мамлакат омада буданд. Баъзеи онҳо фикру мулоҳизаҳои хешро бо мухбирони ӮзА ба ҳам диданд.

— Тайёрии ҷиддиро ба раъйпурсӣ дар мамлакататон дар арафаи он ҳис кардам. Инро муоинаи фаъолияти комиссияҳо дар як қатор ҳавзаву қитъаҳо собит кард, — гуфт ***Нерево ЛЕРОНИИ итолёвӣ.*** — Овоздиҳӣ муташаккилона гузашт. Овоздиҳандагон фаъол буданд. Мамлакататон, халқатон ба ман таассуроти хуб боқӣ гузошт. Ман ба он эътимод ҳосил кардам, ки Ӯзбекистон бо роҳи пешрафт дилпурона пеш меравад.

***Намояндаи Пажӯҳишгоҳи Шарқи Наздики ИМА Ҷон ДАЛИ*** нақл кард, ки ӯ раванди овоздиҳиро дар қитъаи рақами 47-уми гузарондани раъйпурсӣ муоина кардааст, ки дар бинои мактаби рақами 18 шаҳри Нукус маскан дошт.

— Кушоду равшан мегӯям: аз он шод гардидам, ки бисёр одамон ба қитъаи мазкур субҳи барвақт омада, фаъолона овоз доданд.

***Директори Пажӯҳишгоҳи тадқиқотҳои стратегии Россия Евгений КАЖОКИН*** дар водии Фарғона рафти раъйпурсиро муоина кард.

— Ман бо корҳои тайёрӣ ба раъйпурсӣ дар Фарғона ва Марғелон ошно гардидам,— гуфт меҳмон. — Бо бисёр одамон мусоҳиб гардидам. Маълум гардид, ки онҳо ин рӯзро ҳамчун ид пешвоз гирифтанд. Онҳо хуб дарк кардаанд, ки барои чӣ овоз медиҳанд.

***Веланис ДИМИТРИОС,*** ки аз ***Юнон*** омадааст ба вилояти Наманган сафар кардааст, таассуроти худро чунин баён кард:

— Сафар ба Ӯзбекистон таассуротамро дар хусуси ин мамлакат ғанӣ гардонд. Ман бори дигар гувоҳ бар он гардидам, ки халқатон дар муҳити сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ ҳаёт ба сар мебарад. Аз ҳама муҳимаш ҳамагон бо меҳнати бунёдкорона шуғл меварзанд. Раъйпурсӣ майлу шавқи одамонро зиёдтар гардондааст.

Мутахассиси соҳаи китобхона аз Конгресси ИМА Иброҳим Фарҳодӣ, ки дар Самарқанд буд, бо қаноатмандӣ изҳор намуд, ки «раъйпурсӣ ба меъёрҳое мувофиқат намуд, ки ба дараҷаи байналхалқӣ буду дар пойгоҳи усулиятҳои демократия ташкил ёфт».

***Сафири Фавқулодда ва Мухтори Озарбойҷон дар Ӯзбекистон Ойдин АЗИМБЕКОВ*** чунин гуфт:

— Дар Ҷиззах ва ноҳияи Ғаллаорол шуда, мо гувоҳ бар он шудем, ки ба тадбири мазкури сиёсӣ тайёрии хуб дида шудааст. Моро он чиз хурсанд кард, ки одамон ба моҳияти саволҳои раъйпурсӣ пурра сарфаҳм рафта, овоз медоданд ва Ӯзбекистони мустақил дар кори демократикунонии ҷамъият ба комёбиҳои калон муваффақ гардидааст.



*1233 нафар шаҳрванд ба қитъаи рақами 651-уми шаҳри Тошканд гузарондани раъйпурсӣ, ки дар Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ воқеъ буд, омада, қарзи шаҳрвандии худро иҷро намуданд.*

**Дар сурат:** *ҳангоми овоздиҳӣ дар қитъаи мазкури раъйпурсӣ.*

**Аксбардор: Р. ШАГАЕВ (ӮзА).**

## Даҳсолагии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари»

28 январ ба созмон ёфтани Ширкати миллии ҳавопаймоии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» даҳ сол пур шуд. Ширкати мазкур, ки мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов соли 1992 созмон ёфта буд, алҳол бо яке аз ширкатҳои калону пешомаднок на танҳо дар минтақаи мо, балки Осиё мубаддал ёфтааст.

Дар натиҷаи таҳияи стратегияи хуби фаъолият ва ба соҳа ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ ширкати миллӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Дар бадали даҳ соли фаъолият ширкат қариб 20 миллион мусофир ва 300 ҳазор тонна борро ба манзил расонд. Ва танҳо соли гузашта 1,5 миллион мусофир ва 30 ҳазор тонна бор ба ҷои таъингардида расид.

Дар Тошканд ба муносибати даҳсолагии созмон ёфтани Ширкати миллии ҳавопаймоии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» маҷлиси мутантан ба амал омад. Дар он ҷонишини аввали Нахуствазири ҷумҳурият К.Тӯлаганов матни Муборакбодии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримовро хонда дод, ки ба унвони кормандони соҳа ирсол гардида буд.

Мувофиқи фармони сарвари давлатамон ба муносибати даҳсолагии Ширкати мазкур барои ҳиссаи калонашон дар рушди нақлиёти ҳавоии ҷумҳурият, комёбиҳояшон дар бобати азхудкунии намудҳои замонавии техникаи ҳавопаймоӣ, ташкили мусофиру боркашонӣ дар роҳҳои дохилӣ ва берунӣ мувофиқи андозаҳои байналхалқӣ, ҳамчунин иштироки фаъолонаашон дар ҳаёти ҷамъиятӣ гурӯҳи кормандони соҳа ба мукофотҳои воло сазовор шуда буданд. Дар маҷлис ба онҳо мукофотҳои мазкур мутантан супурда шуд.

Маҷлис бо консерти калон ба анҷом расид, ки дар он арбобони намоёни санъат иштирок намуданд.

**(ӮзА.)**

## Мукофотҳо муборак!

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов гурӯҳи калони кормандони соҳаи ҳавопаймоии ҷумҳурият ба муносибати даҳсолагии созмон ёфтани Ширкати миллии ҳавопаймоии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» барои ҳиссагузории калон дар рушди нақлиёти ҳавоии ҷумҳурият, комёбиҳо дар бобати азхудкунии намудҳои замонавии техникаи ҳавопаймоӣ, ташкили хуби мусофиру боркашонӣ дар роҳҳои дохилаву беруна мувофиқи андозаҳои байналхалқӣ ҳамчунин иштироки фаъолонаашон дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо унвонҳои шоистаи «Корманди шоистаи ҳавопаймоии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», орденҳои «Меҳнат шӯҳрати», «Дӯстлик», медали «Шӯҳрат» тақдир гардиданд.

Мо мукофотонидашудагонро аз самими қалб муборакбод намуда, комёбиҳои калонро дар фаъолияти минбаъдаашон таманно дорем.

## Муаррифии иттиҳодия

Дар бадали беш аз даҳ соли истиқлол санъати эстрадии мо гул-гул шукуфта, соҳиби обрӯву эътибори баланд гардид. Дар саросари ҷаҳон онро эътироф мекунанд. Аз он ҷумла дастаи ҳунарии «Ялла» ва дигар даҳҳо ансамбли ҳунарӣ, ситораҳои эстрада Юлдуз Усмонова, Насиба Абдуллоева, Озода Нурсаидова, Рашид Холиқов, Козим Қаюмов, шодравон Муҳриддин Холиқов, Иззат Иброҳимов ва дигаронро на танҳо дар ҷумҳуриятамон, балки дар бисёр мамлакатҳои хориҷ медонанд, ҳар як барномаи онҳоро бесаброна мунтазир мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки барои ривоҷу равнақи соҳаи эстрада аз ҷониби ҳукуматамон тахти сарпарастии Президент Ислом Каримов қабул гардидани чандин фармону амр ва қарорҳо ҳам нақши калоне бозиданд. Аз он ҷумла Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз санаи 26 июни соли 2001 «Дар бораи боз ҳам ривоҷу равнақ бахшидани санъати сурудӣ эстрадӣ» қарор қабул кард, ки дар бобати рушди ин намуди санъат нақши калоне мебозад ва аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ба пешрафти ин ҷода ҳукуматамон ғамхории муттасил зоҳир мекунад.

Дар пойгоҳи қарори мазкур Кенгаши рушди санъати миллии эстрадӣ ва мувофиқгардонии фаъолият дар ин бобат созмон дода, иттиҳодияи нави эстрадии «Ӯзбекнаво» ташкил ёфт.

Дар Қасри «Туркистон»-и пойтахт маросими муаррифии иттиҳодияи эстрадии «Ӯзбекнаво» ба амал омад. Дар толори қаср санъаткорони номдор, намояндагони сафоратхонаҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқие, ки дар мамлакатамон фаъолият пеш мебаранд, вакилони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва аҳли ҷамъияти шаҳри Тошканд ҷамъ омаданд.

Маросимро ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ҳамидулло Кароматов кушода, зикр намуд, ки мо дар кадом поя будани санъати эстрадаи миллиамонро хуб медонем ва ҳоҷат ба он ҳам набуд, ки онро муаррифӣ созем. Лекин аз ин сабаб чунин тадбирро гузарондан лозим буд, танҳо мо ба кормандони иттиҳодия бурдбориҳоро таманно карда, дар роҳи рушди минбаъдаи ин намуди санъат комёбиҳои калони эҷодиро мехостем.

Сарвари ваколатхонаи ЮНЕСКО дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҷаноби Майкл Барри Лейн сухан карда, гуфт, ки дар Ӯзбекистон барои рушди санъати миллӣ ва фарҳанг диққату эътибори доимӣ дода мешавад ва аз ҳамин сабаб шӯҳрати он дар саросари ҷаҳон паҳн гардидааст. Инро ЮНЕСКО қадр мекунад ва саҳми худро барои боз ҳам шӯҳрати беандоза пайдо кардани фарҳанги Ӯзбекистон мегузорад.

Дар тадбир ҷонишини вазири фарҳанги Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, сардиректори Иттиҳодияи эстрадии «Ӯзбекнаво» Баҳодур Абдураҳимов сухан карда, дар бобати фаъолияти он мухтасар маълумот дод ва маросими муаррифиро кушода эълон кард.

Консерти идона намоиш дода шуд. Дар он баробари ситораҳои эстрада, дастаҳои ҳунарӣ, устодони санъат, иҷрогарони ҷавон, дастаҳои ҳунарии бачагону наврасон, намояндагони ин намуди санъат иштирок намуданд. Ба меҳмонон рақсу оҳанг ва сурудҳои замонавиву классикӣ ба забонҳои мухталиф пешкаш гардиданд.

Маросим фаромӯшнопазир гузашт ва аз чеҳраи меҳмонон ҳувайдо буд, ки тадбир аз чашмдошт ҳам беҳтар сурат гирифт.

**(Хабарнигори мо).**

***Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон***

## Дар бораи пурзӯр кардани ҷонибдории нишонидори табақаи аҳолии аз нигоҳи иҷтимоӣ мӯҳтоҷ

Ба мақсади минбаъда пурзӯр гардондани ҷонибдории нишонидори табақаи аҳолии аз нигоҳи иҷтимоӣ мӯҳтоҷ аз тарафи давлат, баланд бардоштани дараҷаи фаровонии моддии онҳо, таъмини ҳифзи манфиатҳои кӯҳансолон, фароҳам овардани шароит аз нигоҳи ҷисмонӣ, интеллектуалӣ ва фарҳангӣ пурра ба камол расондани авлоди наврас:

1. Аз 1 январи соли 2002 маҳдудияти мавҷуда оиди ҳисоб кардани нафақа аз рӯи собиқаи кории қисми аз меъёри ба нафақаи пурра таъингардидашаванда зиёд беэътибор дониста шавад.

2. Ҳаҷми кӯмакпулии ҳармоҳа ба модароне, ки ба парвариши кӯдаки то дусола дода мешавад, аз 1 феврали соли 2002 ба дараҷаи 170 фоиз, аз 1 январи соли 2003 ба андозаи 200 фоизи нисбати ҳаҷми ҳадди ақалли музди меҳнат муқаррар карда шавад.

3. Тоифаи оилаҳои кӯмакгирандаи дорои фарзанди 16-сола вусъат дода, ба ин тоифаи оилаҳои эҳтиёҷманд барилова оилаҳои дорои фарзанди то 18-сола дохил карда шаванд, ки дар мактабҳои таҳсили ҳамагонӣ, литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар сабақ мегиранд.

4. Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 4 марти соли 1996 рақами УП-1383 беэътибор дониста шавад.

5. Ба Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар бадали як ҳафта қарорро дар бораи таъмини ба рӯи об баровардани тадбирҳое қабул кунад, ки дар Фармони мазкур пешбинӣ гардидаанд.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
25 январи соли 2002.

**Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

## Дар бораи тадбирҳо оиди амалӣ гардондани Барномаи ҷонибдории нишонидори табақаи аҳолии ба кӯмаки иҷтимоӣ эҳтиёҷманд барои солҳои 2002-2003

Ба мақсади амалӣ гардондани тадбирҳое, ки қарори Олий Маҷлис аз 6 декабри соли 2001 рақами 306-II ва Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 25 январи соли 2002 рақами УП-3017 «Дар бораи пурзӯр кардани ҷонибдории нишонидори табақаҳои аҳолии ба кӯмаки иҷтимоӣ мӯҳтоҷ» Девони Вазирон **қарор мекунад:**

1. Муайян карда шавад, ки аз 1 сентябри соли 2002 бо маҷмӯи либоси зимистона баробари хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз оилаҳои камбисот ҳамчунин хонандагони синфҳои болоии мактабҳои таҳсили ҳамагонӣ аз оилаҳои камбисот ройгон таъмин карда мешаванд.

2. Низоми ҳарсолаи ройгон таъмин кардани хонандагони мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ аз оилаҳои камбисот бо маҷмӯи китобҳо аз фонди китобхонаҳо ҷорӣ карда, аз 1 сентябри соли 2002 камаш 75 фоизи муҳассилин аз оилаҳои камбисот, аз 1 сентябри соли 2003-ум 100 фоиз хонандагон аз оилаҳои камбисот бо ин низом фаро гиронда шаванд.

3. Ҳифзи иҷтимоии сағирон ва бачагоне, ки аз парастории волидон маҳрум гардидаанду пурра дар таъминоти давлатӣ қарор доранд, бо ин васила пурзӯр карда шавад:

ҳаҷми кӯмакпулиҳо, ки ҳангоми хатм аз ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълими ҳамагонӣ ва ба мақсади бо шуғл фаро гирифтан, барои харидӣ либос, пойафзол ва чизи зарурӣ дода мешаванд, соли 2002 ба 80 карат ҳаҷми музди ҳадди ақалли меҳнат, соли 2003 бошад ба 100 карат ҳаҷми музди ҳадди ақалли меҳнат, ҳамчунин кӯмакпулӣ барои соли 2002 то 3 карат ҳаҷми музди ақалли меҳнат ва соли 2003 ба 5 карат ҳаҷми музди ҳадди ақалли меҳнат баланд бардошта шавад;

аз ҳисоби маблағи буҷа бо карточкаҳои сафарии имтиёзнок дар мавриде таъмин карда шаванд, ки муассисаи таълимӣ аз маҳали истиқомат ниҳоят дур воқеъ аст.

Ба Вазорати таълими халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо Вазорати молия, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маълумоти оливу миёнаи махсус супурда шавад, ки дар бадали як моҳ тартиби таъминоти сағирон ва бачагонеро, ки бе васояти волидон мондаанду пурра дар таъминоти давлат мебошанд, бо кӯмакпулиҳо фаро гирифтан бо кӯмак барои харидани либос, пойафзол ва асбобу анҷоми зарурӣ, ҳамчунин карточкаҳои сафарӣ таҳияву тасдиқ намоянд.

4. Муқаррар гардад, ки ба волидон-васоятгароне, ки кӯдакро ба тарбияи худ гирифтаанд (патронат), кӯмакпулии ҳармоҳа ба андозаи 3 ҳаҷми музди ҳадди ақалли меҳнат ба ҳар як кӯдаки ба тарбиягирифтаашон дода мешавад.

Ба Вазорати таълими халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки бо ризомандии Вазорати молия дар бадали ду ҳафта тартиби як бор бо либосу пойафзол таъмин карданибачагонеро, ки ба оилаҳо барои тарбия дода мешаванд (патронат) таҳияву тасдиқ намуда, меъёр ва феҳристи либосу пойафзолро вобаста ба синну соли бачагон муайян созад.

Муайян карда шавад, ки:

хароҷотҳо ба додани кӯмакпулии ҳармоҳа ба волидон-васоятгарон ва як бор таъмин кардани либосу пойафзол аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, раёсатҳои молияи вилоятҳо ва шаҳри Тошканд аз маблағи бунёди захиравии буҷаҳои маҳаллӣ дар пойгоҳи қарорҳои дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимият бо маблағ фаро гирифта мешавад;

ҳаҷми хароҷотҳои бо маблағфарогиранда дар пойгоҳи ҳисобу китобе, ки Вазорати таълими халқи Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, раёсатҳои таълими халқи вилоятҳо ва шаҳри Тошканд баробари ризоманд гардондан бо мақомоти дахлдори молиявӣ пешкаш карда мешавад, муайян мегардад;

додани маблағ тавассути Вазорати таълими халқи Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва раёсатҳои таълими халқи ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд амалӣ гардонда мешавад.

5. Барои беҳтар таъмин будан бо иттилоот ба омӯзгороне, ки дар деҳот кор мекунанд, ба Вазорати таълими халқ, Вазорати маълумоти оливу миёнаи махсус, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки аз 1 январи соли 2002 ҳатман ба фонди китобхонаи мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар, ки дар деҳот воқеанд, обунаи то даҳ номгӯи рӯзномаву маҷалла, асосан воситаҳои ахбори оммавии ҷумҳуриро аз ҳисоби буҷаҳои маҳаллӣ таъмин созанд.

6. Таклифи Бунёди «Маҳалла», Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва мақомоти худидораи шаҳрвандон дар бораи таъин кардани кӯмакпулии ҳармоҳа то ба синни ду расидани кӯдак ба модароне, ки кор намекунанд, ба назардошти эҳтиёҷманд будани ин оилаи ба кӯмакпулии мазкур пазируфта шавад. Ҳангоми таъин кардани ин кӯмакпулӣ риоя намудани усулияти адолати иҷтимоӣ, рӯшодгӯиву ошкорогӣ таъмин карда шавад.

7. Ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад:

якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, Бунёди «Маҳалла», Бонки мардумӣ дар бадали як моҳ мувофиқи тартиби муқарраршуда Низомро дар бораи тартиби таъин кардану додани кӯмакпулии ҳармоҳа ба модарон аз рӯи тарбия кардани кӯдак то дусолагӣ бо назардошти эҳтиёҷмандии оила ба кӯмакпулии мазкур таҳияву тасдиқ намоянд;

дар бадали ду ҳафта аз нав ҳисоб кардани ҳаҷмҳои нафақаро амалӣ гардонад, ки ба муносибати аз байн бардоштани маҳдудият оиди собиқаи корӣ ба аз нав дидан мансуб мебошанд;

якҷоя бо Вазорати молия, Вазорати меҳиқтисодиёт ва омор, Бонки Марказӣ, Палатаи молофарандагон ва тадбиргарони Ӯзбекистон дар бадали як моҳ тартиби бо маблағ фаро гирифтани тадбиргарии оилавиро таҳияву тасдиқ намуда, тавассути бонкҳои тиҷоратӣ додани вомҳои хурд, аз он ҷумла дар пойгоҳи ғайригаравиро таҳти кафолати мақомоти худидораи шаҳрвандон ва дигар ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии аз нигоҳи молиявӣ устувор, мувофиқи мақсаду вазифаҳои оинномавии онҳо ба назари эътибор гирад.

8. Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо якҷоя бо мақомоти меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, шӯъбаҳои минтақавии Бунёди «Маҳалла» супурда шавад, ки дар ҳама ҷо расондани кӯмаки амаливу равиширо ба мақомоти худидораи шаҳрвандон дар бобати аз ҷониби онҳо амалӣ гардондани тадбирҳо оиди ҷонибдории табақаҳои аҳолии ба кӯмаки иҷтимоӣ эҳтиёҷманд, таъмини нишонидории он ва адолати иҷтимоӣ ҳангоми таъин кардани кӯмакпулиҳо ба оилаҳо ташкил намоянд.

9. Тағйироту иловаҳо ба як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дароварда шаванд.

10. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар бадали як моҳ ба Девони Вазирон таклифҳоро оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ пешкаш намоянд.

11. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ҷонишинони Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.Азимов ва Ҳ.Кароматов гузошта шавад.

**Раиси Девони Вазирон**
**И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
25 январи соли 2002.

# Қадри инсон

## 1. Қарз ба қиёмат намонд

Рӯи хараки канори роҳ бо хаёли андак нафас рост кардан менишастам, ки зани солхӯрдаи руснамое, ки либоси фарсуда ба бар дошт, асозанон наздам омад ва: «нишастан мумкин? — имо кард ба ман.

— Марҳамат, — гуфтам ба вай, аз изн пурсиданаш каме ба аҷаб афтода. Охир ӯ метавонист бесухан ба кунҷи дигар нишинад.

Оҳиста нишасту оҳи вазнин кашид. Аз чеҳраи тирааш маълум, ки ғаме ба дил дорад. Хавосаш пареш.

— Дар ошёнаи чоруми бинои рӯбарӯ зиндагӣ мекунам, — лаб кушод зан, вақте беихтиёр ҷонибаш нигаристам. Дил заъф кард, бо сад азоб бошад ҳам, фуромадам, то каме дар дунёи кушод нафаси осуда кашам. Саломатӣ хуб нест...

Суханаш тамом нашуда,зани сипоҳу хушлибосе, ки сагчаеро бо ресмон кашолакунон меомад, ҷониби ӯ сахт нигаристу: — Боз фуромадӣ? — пурсид бо диранг. — Ман чӣ гуфта будам:

— Ҳозир... Ҳозир мебароям, — саросема шуд оне, ки паҳлӯям менишаст.

— Тезтар! Ба ҷамоли ту кӯчабудагон зор не!!

Чун зан тунд ин бигуфту бо сагчаи худ аз мо дур шуд, пурсидам кӣ аст? Ба шумо кӣ мешавад, ки ин қадар сахт мегӯяд?

— Духтарам, — ҷавоб дод зани солхӯрда, хиҷилу ҳазин лабханд карда ва хаёле, аз нигоҳи таҳайюромези ман лаҳзае саргум шуда, маънидор афзуд, ки «ту, писар, як дӯғи ӯро шунидию халос: Аз дигар гапу корҳои ин духтари ноқобили ман бехабарӣ. Лекин айби вай ҳам не, ба ҳамааш худам гунаҳкор. Дар вақташ, ки чандрӯза фароғат гуфта, ба хатогиҳо роҳ додам, бояд акнун кашам. Дунёи қасос...

Вақте дид, ки ба ҳарфи дардолуди вай мутаваҷҷеҳам, сухан аз дуртар оғоз кард:

— Падар барвақт қазо кард,бо модар мезистам. Ман аслан аз Волгоград... Модар бемор буд, мӯҳтоҷи нигоҳубин. Мехост дар паҳлӯяш бошам. Вақте дар синни балоғат будам, бароям ҷавоне дарёфт ва нияти хонадомод сохтани ӯ дошт. Лекин дили ман ба ҷавони дигар, ки майл дошт, рад кардам. Модар ноилоҷ ба раъям нигарист, бо хушкардаи худ ба шавҳар баромадам.

Аввалҳо ҳамааш хуб буд. Дар ду канори шаҳр зиндагӣ кунем ҳам, модарро зуд-зуд хабар мегирифтам.

Вале баъдтар, вақте кӯдакдор шудем, бо шавҳар муросо мегурехтагӣ шуд, чароғи оила тира месӯхт. Аҳволи модар ҳам, ки торафт ҳолаш нохуб мешуд,ба чашмам нанамуда монд. Гап дар он ки мани ақлкӯтоҳро ҷавони дигаре аз роҳ мезад..

Кор ҷое расид, ки аз бахри ҳамааш баромада, кӯдаки ширмакро ба шавҳар гузошта, бо он ҷавон ба Тошканд омадам. Модар бемори барҷомонда, вале духтари ягонаи ӯ...

Як сол зиндагӣ кардем ё не, бо шавҳари нав низ муросо набаромад. Ҷудо шудем. Бесарпаноҳ, ки монда будам, ба Волгоград баргаштам, вале фаҳмам, модарро ба хонаи солхӯрдагон бурда, хонаро ба ихтиёри давлат гузаронидаанд. Дуд аз димоғам баромад. Дигар... пои мани сангдил ба хонаи солхӯрдагон накашид — бе он ки як сари қадам ба назди модар гузашта, як назар ҳолаш бубинам, бо ситез қафо гаштам. Табиист, ки шавҳари собиқу фарзанд аз ман рӯ тофта буданд ва ҷустуҷӯи онҳо маънӣ надошт.

Бори сеюм ба шавҳар баромада, ҳамин Татянаро, ки нав дидед, ёфтам. Боз тақдир тамасхур карду мани баргаштабахт хуни ҷигар...

Нахӯрдаю напӯшида, бо сахтиҳо духтарчаи худ калон кардам. Мекӯшидам, ки бепадарӣ ҳис накунад. Меҳри гарме, ки дар дилу ҷон доштам, ба вай нисор мекардам, вале ӯ, вақте ба воя расид, хунсарду дағал шуд. Маро писанд намекард, меранҷонд, вале худро таскин медодам, ки кӣ набошад, фарзанди худам, як рӯз ақлаш медаромадагист, мефаҳмидагист, ки пулёбӣ осон не. Дар воқеъ, хоҳиши дили духтарам чун бойдухтарони шаҳр пӯшидану дами бағам задан буд.

Охири солҳои ҳаштодум баъзе наздикон, шиносҳои наздик, ки доштам, ба Русия кӯч бастанд. Хостам ман низ биравам, вале Татяна... Дӯстдори Татяна аз ҳамин шаҳр. Татянаро гузошта рафтан маънӣ надошт. Ҳамин ҷо мондам. Духтарамро ба оне, ки мехост додам. Тӯйи хушрӯе барпо шуд, вале зиндагиашон наздик як сол зебо гузашту бас. Боғу хунукиҳо... Дар миён фарзанддор шуданд, вале пояи зиндагии оилавиашон бо бебақоӣ монд. Ниҳоят, Татяна ба хона, ба наздам баргашт, вале бе кӯдак. Уфф, шунавам, кӯдакро бо кадом роҳе ба хонаи шафқат супоридааст.

Ӯро сарзаниш кардам. Гуфтам, ки чӣ хел дилат шуд? Фарзанд, охир ҷону ҷигар аст! Шукр, тану ҷонат сиҳат, боз ман ҳастам... биёр, худам калон мекунам!

Лекин Татяна, духтари худам, дар муқобили ҳарфҳои ман ҳаракатҳое кард, ки... Эҳ, ман нагӯям, шумо нашунавед.

...Зани солхӯрда оҳи бадарде кашида, об дар чашм, баъди каме сукут идома дод:

— Чӣ кор кунам, духтари худам. Дигар хурд нест, вале коре, ки мекунад... Набераам ҳоло куҷо, намедонам. Ҷуръат ва зӯру мадорам нест, ки ба ҷустуҷӯи вай бароям. Эҳ, агар вай паҳлӯям мебуд... Номаш Владимир, ягон даҳсола шудагист.

Ман зори одам, зори як таскин, як даҳон сухани гарм, вале духтари ягонаи худам ба ҳамон... кучукбачае, ки дидед, меҳр мондааст. Онро мебӯяду мебӯсад. Аз бозор барояш озуқаҳое меорад, ки... Майлаш,саг ҳам дӯсти одам, мегӯянд, ки ҳайвони вафодор, аммо... Хайр, ку: шиками зори ман бо як порча нони қоқ сер, як лаб нон ба ман кифоя. Бо вуҷуди ин, вақте Татяна ба сагча гӯшт, ҳасиб ё панири равғанин муроот мекунад... Муҳимтараш, писарҷон, дили ман ташнаи меҳр. Ташнаи меҳр! Кӣ медонад, шояд маро оҳи дили модаракам гирифт. Ӯ ҳам маро бе шавҳар бо сад машаққат калон карда буд. Ман зиндаю саломат, лекин ваяк бо як ҳоли зору низор, дар хонаи бепарасторон дунёро бо сад армон тарк кард. Кӣ медонад, ки мани бадбахт, мане, ки дар вақташ на ба қадри модар расидаму на ба қадри шавҳару кӯдаки ширхора ва ҳамаро ба хотири ҳавою ҳавас тарк гуфтам, дар куҷо ва чӣ тавр ба ин дунёи бевафо падруд гӯям. Ҳа, дар вақташ худам ба ҳоли кӯдаки ширхора раҳм накардам. Бемодар ҳоли ӯ чӣ шуд? «Модар» мегӯям... Оё ман «модар» будам? Ба худро «модар гуфтан ҳақдор ҳастам? Боз духтари ноқобиламро, ки ҳарчӣ кардам, аз ӯ кашида истодаам, ки чӣ хел дилат шуд, ки кӯдаки худ ба хонаи шафқат биспорӣ, бешавқат? Аз ман як зарра меҳр дареғ дорию бо муҳаббати тамом ба парвариши кучукбачае дода шавӣ?

Хайрият ҳам Татяна аз гузаштаи ман чандон воқиф нест, вагарна мегуфт: «Худат чӣ?» Рост, охир, худи ман чӣ? Бешафқат дар асл худи ман набудам?

Дар воқеъ, қарз ба қиёмат намонад гуфтанашон ҳамин бошад? — духтарам маро ба хонаи мӯйсафедон гуселонданӣ...

## 2. Тааҷҷуб

Хабари фарзанддор шудани ҷӯраи наздикам Акобирро шунида, хеле хурсанд шудам. Писар будааст. Чаҳорумаш. Вай акнун падари ду писару ду духтар.

Дигар рафиқон низ хурсанд. Ҳама табрик менамоянд. «Кай мешӯем?» — ба ҳолу ҷонаш намемонем ӯро. «Мешавад...» — мегӯяд ӯ бо лабханд.

Вале аз чӣ бошад, аз байн хеле вақт гузарад ҳам,ҳамон хомӯш аст. Мо дар такопуи «меҳмони нав» боис, як ба хонаи ӯ рафта, дами беғам задан. «О, писарча додогӯяк мешаваду чаро Акобир хапу дам? — ба якдигар менигарем, — ё «об кушоданӣ» не?

Акобир ҷавони дасткушоде. Аз сарф наметарсад. Вақте нахустфарзандаш таваллуд ёфт, аз хурсандӣ бехуд, дар ҳавлии таваллудхона ба ҳар касе ки дучор шавад, яксӯмаю сесӯма шодиёна додааст. Ҳу, аз пули пештара, ки хеле бақурб буд... Ба мо, ҳамдарсони собиқ, зиёфати кори калоне дод. Баъдтар фарзанди дуюмашро ҳам «қайд» кардем. Сонитар, саҳл «инсӯтар», яъне оддияк бошад ҳам, сеюмашро. Инак, чанде пеш чаҳорумаш рӯидаву ӯ, акси чашмдошти мо, ҷим. Чаро? Оҳиста — оҳиста наход...

Ва... ниҳоят, дирӯз шунавам, Акобир зиёфат доданӣ.Телефонӣ аз ин хусус яке аз ҷӯраҳо хабар дод: «Пагоҳ, соати даҳ, ҳама ба хонаи Акобир. Дилам дар кафи ҳаяҷони сурурмез тапид: «Э, хайрияте, будааст-ку. Мо бошем, қариб ба хаёли ноҷо равем. Писардор шудан баъд...»

Мошине дар дами дарвозаамон чанд бор сигнал доду бароям худи Акобир.

— Пагоҳ гузар-дия! — гуфт вай. Дар оҳанги суханаш шавқу хуррамӣ садо медод.

— Шунидам, — гуфтам.

— О, аллакай ту бохабар? — барқе медурахшид дар чашмонаш. Кайфияташ аъло. Ба назарам, вақте нахустин фарзандаш таваллуд ёфт, ҳамин хел хурсанд менамуд.

«Ҳар фарзанд ба ҷои худ, — мегуфтам ба дил, — аз чаҳорумаш ҳам шод будаасту рӯ намекард...»

Дар вақти таъиншуда рафтам. Ҷамоа аллакай ҷамъ ҳама гирди дастурхони пурнозу неъмат хуррамона нишастаанд.

Баъде аз қатори онҳо ҷо гирифта, як пиёла чой нӯшидам: — Модаяк будааст, — шунидам якеро, ки ба ҳампаҳлӯяш пичиррос мезад. — Дидам, мисли очааш алову зотӣ, гови хуб мешавад.

Тавaҷҷӯҳ кардам:

— Гови кӣ бача кард?

— Аз они Акобир-дия. Ту бехабарӣ? О, ин зиёфат ба ҳамон муносибат нест?

— Наход?... — эҳсосе ҳастиамро ба ҷунбиш овард, — мо ҳоло кӯдакаш неву...

— Гӯсоларо мешӯем!

Ин дам худи Акобир вориди хона шуд.Мамнун буду болидарӯҳ.

— Ин ҳафтафаҳм, — ишора ба ман намуд ҳампаҳлӯям, — гумон кардааст, зиёфат ба шарафи таваллуди писарчаат...

Бо шавқу шодӣ:

— Гов бача кард! — хитоб кард Акобир ва илова намуд: — Ба таваллуд кардани зан, дар ҳамин солу замон, одам ин хел хурсанд шудаву «об мекушояд»?

**Ш. МУҲАММАД.**

# Аз грипп эҳтиёт шавед!

***— Алҳол дар ҷумҳурият миқдори ночиз одамон ба маризии грипп дучор шудаанд, вале аз рӯи пешгӯии мутахассисон охири моҳи январ ва аввали моҳи феврал вируси он ба тезӣ паҳн шуда, миқдори дардмандон зиёд шуданаш муқаррар аст — чунин хабар дод ҳангоми мусоҳиба ба мухбири «Туркистон-пресс» сарвари департаменти назорати санитариву эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурияти Ўзбекистон Нурмат ОТАБЕКОВ.***

— Имрӯзҳо дар ҷумҳурият дар давоми шабонарӯз расман ба ҳисоби миёна 10-12 ҳолати ба маризии грипп дучоршудан қайд мегардад. Ҳол он ки миқдори дардмандони гирифтори дигар маризиҳои гузаранда 2 ҳазор адад мебошад, — суханашро идома медиҳад Н.Отабеков. — Ва нишондиҳандаи мазкур нисбати соли 2001 чор маротиба камтар мебошад. Зеро соли гузашта ҳамин вақт дар давоми шабонарӯз ба ҳисоби миёна 40-42 каси гирифтори грипп ба қайд гирифта шуда буд. Соли гузашта ва имсол низ бисёрии одамон гирифтори грипп дорои вируси «А» мегарданд. Ва маризони гирифтори грипп дорои вируси «А» ба 40 фоизи тамоми беморон рост меояд. Маризони боқимондаи гирифтори грипп ба вирусҳои «Б» ва «С» заҳролуд мегарданд.

Аз рӯи суханони Н.Отабеков маълум гардид, ки вируси грипп бисёр вақт ба ҳудуди мо аз мамлакатҳои Шарқ: Чин, Ҷопон, Лаос, Камбоҷа ва ғайра меоянд. Мувофиқи маълумоти мутахассисони вазорат он асосан тавассути ҳаво мегузарад. Ҳавфи калони гриппи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки агар кӯрпаву болишт карда хоб накунед, вай асорати худро боқӣ мегузорад ва ба сар задани маризиҳо, аз қабили дарди шуш, дарди гулӯ, энсефалит ва ғайра боис шуданаш мумкин аст.

Н.Отабеков зикр намуд, ки ҳарчанд нишондиҳанда дар бобати гирифтор шудан ба маризии грипп он қадар баланд набошад ҳам, вазорат корҳои фаъолонаро оиди пешгирӣ кардани паҳншавии грипп дар ҷумҳурият ба иҷро мерасонад. Ба ҳамин мақсад қарори Комиссияи ҷумҳурии вазъи фавқулоддаи эпидемиологӣ «Дар бораи мубориза ба муқобили паҳншавии грипп» аз 8 декабри соли 2001 амалӣ гардондани маҷмӯи тадбирҳоро бар зидди паҳншавии грипп андешидааст. Дар назди вазорат штаби махсус созмон ёфта, мониторинги ҳаррӯзаи паҳншавии маризиро мегузаронад. Ба ҷуз ин гурӯҳ оид ба расондани кӯмаки амалӣ дар маҳалҳо дар мавриди тез паҳн гардидани грипп арзи ҳастӣ мекунад. Ба мақсади пешгирии ин маризии ҳавфнок аз буҷаи давлатӣ танҳо ба моҳи январи соли кунун 10 миллион сӯм ҷудо карда шудааст, — хабар дод дар хотимаи суханрониаш Н.Отабеков.

**Мактуб ба редаксия**

# Муаммои об моро азоб медиҳад

Ман дар яке аз қишлоқҳои ноҳияи Шаҳрисабз зиндагӣ ва кор мекунам. Деҳае, ки зиндагӣ мекунам, Сарчашма ном дорад ва дар ин ҷо зиёда аз 4,5 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Дар зиндагиамон гарчанде баъзе норасогиҳо бошад ҳам, осуда аст. Дар Сарчашма ҳама бахри ободии Ватан меҳнат мекунанд.

Ман ҳам то ҳадди имкон ба манфиати халқу ватан кор карда истодаам. Рӯзномаи мӯҳтарам! Мехостам дар хусуси як муаммо, ки маро чанд сол боз ором намегузорад, навишта маслиҳат пурсам. Он ҳам бошад, масъалаи бо оби нӯшокӣ таъмин намудани деҳа аст.

Соли 1977 ба қишлоқамон бо роҳи ҳашар аз як чашмаоби дар болои деҳа буда оби нӯшокӣ оварда шуд. Аз мобайн чанд сол гузашт, аҳолӣ зиёд шуд. Дар баъзе участкаҳо бо роҳи ҳашар хатти об кашиданд. Лекин на дар ҳама ҷо мардуми маҳал бо оби нӯшокӣ таъминанд.

Умед аст, ки баъди баромади рӯзнома муаммои оби ошомиданӣ дар Сарчашмаи мо ҳалли худро ёфта, мардуми тамоми маҳал аз он таъмин мегарданд.

**Бо салом ва эҳтиром**
**мудири китобхонаи № 12**
**МЕЛИЕВ Озод.**

# Пойафзол аз «Кофра»

Ба бозорҳоямон аввалин маҳсулоти корхонаи муштараки ӯзбекистонию фаронсавии «Кофра»-и дар Қӯқанд созмон додашуда баромад.

Пойафзоли дар корхона истеҳсолшуда бо қулай ва сифаташ фарқ карда меистад. Дар ин ҷо баробари тайёр кардани пойафзоли мардона ва махсуси корӣ, инчунин истеҳсоли пойафзоли бачагона ва нафиси занона ба роҳ монда шудааст. Аз ба кор оғоз намудани корхона 90 нафар бо ҷойҳои корӣ таъмин шуданд.

— Аллакай даҳ ҳазор ҷуфт пойафзол бо тамғаи «Кофра» ба фурӯш бароварда шуд, — мегӯяд сардиректори корхонаи муштарак Ф.Ҳасанов. — Дар давоми сол як миллион ҷуфт пойафзол баровардаанием.

Як қисми ашёи хом ҳоло аз Фаронса, дигар қисмаш бошад, аз корхонаҳои маҳаллӣ оид ба азнавкоркарди чарм мерасад. Оид ба ҳалли масъалаҳои бо таъмини ашёи хом алоқаманд тадбирҳо андешида мешаванд.



*Гурӯҳи ҳунарии «Ритми планети», ки дар ин маҳфил бо роҳбари худ Т.ЮГОВА ширкат дошт.*

**Шафқат**

# Аз сафорат – ба бачаҳо



*Хонуми сафири Русия Е.РЮРИКОВА бо бачаҳои хонаи шафқати №24.*

***Дар сафорати Русия дар Тошканд барои бачаҳои ятими хонаи шафқати №24 шаҳри Тошканд иди кӯчак тартиб дода шуд.***

Тарбиягирандагони ин хонаи шафқат меҳмон ва иштирокдори ин маҳфил буданд. Дар сафоратхона намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, дипломатҳо ва журналистон ҳузур доштанд.

Бачаҳо барномаи ҳунарии худро ба аҳли нишаст тақдим намуданд.

Хонуми сафири Русия Елена Рюрикова ба меҳмонон аз хусуси иди Милод нақл намуда, дар бобати риштаи робитаи байни сафорати Русия ва ин хонаи шафқат, ки чанд соли охир ба роҳ гузошта шудааст, зикр намуд. Ва ин гуна мулоқоти онҳо ҳамеша ба нақша гирифта шудааст, ки дар соли ҷорӣ чанде аз онҳо дар назар аст.

Хонум Е.Рюрикова ба бачаҳо тӯҳфаҳоеро тақдим намуд, ки аз Русия бо роҳи кӯмаки башардӯстона расидааст.

**П. ОЗОД.**
**Сӯратгир муаллиф.**

# Мақсад – бозиҳои олимпӣ

***Гӯштини ӯзбекӣ, ки таърихаш ба асрҳо баробар аст, ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи урфу одатҳои миллӣ — тӯю сур, иду гаштакҳо ва ба тантанаҳо завқу шавқи калон мебахшад. Имрӯзҳо гӯштин ҳамчун як хели варзиш дар ҷаҳон паҳну оммавӣ мегардад. Алҳол дар минтақаҳои Осиё, Аврупо, Амрико ва Африқо, ки алҳол мусобиқаҳо аз рӯи гӯштин гузаронда мешавад, ибораҳои «ҳалол», «кураш» садо медиҳанд. Сабаби ин қадар зуд оммавӣ гаштани гӯштини ӯзбек дар чист? Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин дар ин бора чигуна фаъолият дорад? Сӯҳбати хабарнигори ЎзА бо Президенти байналхалқии гӯштин Комил ЮСУФОВ дар ҳамин мавзӯъ буд.***

***—Торафат шӯҳрат пайдо кардани гӯштини ӯзбек дар арсаи байналхалқӣ бо номи роҳбари мамлакатамон Ислом КАРИМОВ вобастагии бевосита дорад, — мегӯяд К.ЮСУФОВ. Дарвоқеъ, Президенти Ўзбекистон Президенти фахрии доимии ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин ҳам мебошад. Маҳз худи ҳамин ҳам дар мамлакатҳои ҷаҳон шавқу завқи калон пайдо кардани гӯштин мебошад. Намояндагони мамлакатҳое ки ба ассотсиатсия аъзо мегарданд, таъкид мекунанд, ки дар кишваре ки роҳбари он ба инкишофи варзиш раҳнамоӣ дорад, ояндаи варзиш бахусус гӯштин ояндаи хуб дорад гӯён таъкид менамоянд. Илова бар ин гӯштин яке аз хелҳои ҷаззобу содда ва ҳалоли варзиш ба ҳисоб меравад. Касе ки як бор талоши гӯштинро дид, ҳарчанд мутахассис набошад ҳам, онро мефаҳмаду баҳо дода метавонад.***

**— Алҳол дар гӯшаҳои сайёраамон гӯштини ӯзбек омӯхта ва азхуд карда мешавад. Ба ақидаи шумо ҳакамҳое ки рафти талошҳоро наззора мекунанд, қонуну қоидаҳои гӯштинро чӣ тавр қабул мекунанд?**

— Дар қоидаҳои байналхалқии гӯштин ҳаҷми майдони талош, ранги либоси иштирокдорони мусобиқот, истифодаи ибораҳои ҳакамҳо, ташкил ва гузарондани муборизаи гӯштингирон равшану возеҳ нишон дода шуданд. Ҳакамҳо бошанд, дар рафти мусобиқаҳо 12 иборан гӯштинро соф ба забони ӯзбекӣ талаффуз мекунанд ва ҳар яки онҳоро бо ҳаракатҳои дахлдор нишон медиҳанд. Алҳол дар талошҳои байналхалқӣ ҳакамҳо — занҳо ҳам қоидаҳои гӯштингириро азбар мекунанд. Раиси ҳайати ҳакамоти Ассотсиатсияи байналхалқӣ интихоб карда шудани Сюзет Бизенхоут аз Африкаи Ҷанубӣ мисоли ин шуда метавонад.

**— Албатта дар миқёси байналхалқӣ созмон додани ташкилот осон нест. Аз ин рӯ оиди чи тавр созмон ёфтани Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин ва аз хусуси чи гуна ба мақсадҳои пешгузошта муваффақ гаштани он сухан мегуфтед.**

— Бояд гуфт, ки Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин яке аз ҷавонтарин созмонҳои варзиш ба ҳисоб меравад. Умуман созмон ёфтани ассотсиатсия аз тарафи умум эътироф гардидани хели варзиш мебошад. Вале ин ба осонӣ муяссар намегардад. Барои ин бояд ба ҷаҳон ин хели варзишро намоён кардан лозим меояд. Бо ин мақсад соли 1992 дар Куриёи Ҷанубӣ, 1993 дар Канада, 1994 дар Ҷопон,1995 дар Ҳиндустон, 1996 дар Атланта, соли 1998 дар Монако ва Маскав дар анҷуманҳои калони варзишӣ аз хусуси гӯштини ӯзбек маълумотҳои амиқ дода тарғиб карда шуд. Дар натиҷаи ин 6 сентябри соли 1998 ҳамҷамъияти ҷаҳонӣ гӯштини ӯзбекро ҳамчун хели варзиш расман эътироф кард. Ҳамин сол бо иштироки намояндагони 28 давлати Осиё, Аврупо ва Амрико дар конгресси таъсисӣ ба Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин асос гузошта шуд. Ғайр аз ин дар конгресс қоидаҳои гӯштин ҳамчун қоидаҳои нави байналхалқӣ қабул карда шуда оиди мусобиқоти аввалини байналхалқиро аз рӯи гӯштингирӣ дар ватани он — Ўзбекистон гузарондан қарор қабул гардид.

Бояд гуфт, ки аз соли аввали таъсис ёфтани Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин корҳои давра ба давра ба амал баровардашаванда муайян карда шуданд. Давраи аввал гузарондани чемпионатҳои ҷаҳон, қитъа талошҳои калон буд. Вале мақсади асосӣ ҳамчун ФИФА, ФИДЕ, ФИЛА ва дигар ташкилотҳои калон дар саросари ҷаҳон барпо намудани сохтори худӣ буд. Барои ҳамин ҳам соли 2000 дар шаҳри Анталяи Туркия, ки дар он ҷо конгресси сеюм ба амал омад, комиссияи махсус ташкил ёфта дар он вазифаи дар давоми як сол тартиб додани низоме ки ҳамчун дигар ташкилотҳои бонуфуз ба талабҳои байналхалқӣ ҷавоб дода метавонад, тартиб додан гузошта шуд.

Комиссияи мазкур, ки аз ҳуқуқшиносони байналхалқӣ иборат буд, мувофиқи хулосаҳои худ ба низом тағйиротҳо дохил кард. Ҳамин тариқ, моҳи августи соли 2001 дар конгресси Ассотсиатсияи байналхалқӣ, ки дар шаҳри Будапешти Венгрия шуда гузашт, низоми нав бо як овоз қабул карда шуд. Дар айни вақт дар мамлакатҳои мухталиф федератсияҳои гӯштин, дар Амрико, Европа, Осиё ва дар Амрико конфедератсияҳои минтақавӣ созмон дода шуданд. Илова бар ин дар назди Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин ташкилотҳои аз ҷиҳати моддӣ дастгирикунанда ба фаъолият шурӯъ намуданд. Бо ислоҳотҳое ки қайд намудем, давраи аввали корҳо поён ёфт.

**— Давраи дуюми фаъолияти Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин кай оғоз ёфт ва аз чӣ иборат аст?**

— Бо дигар федератсия, ташкилоту иттиҳодияҳо вобастагии созмони Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин имконият медиҳад, ки гӯштин ба бозиҳои қитъа дохил карда шавад. Инҳо ҳама ба бозиҳои олимпиада дохил кардани гӯштин замина тайёр мекунад. Зеро кумитаи байналхалқии олимпӣ талабҳои оммавиятии хели варзиш, ки ба бозиҳои олимпӣ дохил мегардад, то чӣ андоза дар ҷаҳон паҳн гаштани он, шуғли марду зан бо ин хели варзишро ба миён мегузорад. Мо дар навбати аввал талабҳои асосии Кумитаи байналхалқии олимпиро ба ҷо овардем. Вале алҳол корҳои зиёдеро бояд ба сомон расонд. Аз ҷумла аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ мустақил ва мустаҳкам будани фаъолияти Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштинро дар роҳи дохил гардидан ба бозиҳои олимпиада таъмин бояд кард. Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин ташкилоти варзишиест, ки бо сиёсат ва тиҷорат алоқае надорад. Модоме ки давраи дуюм мустаҳкам намудани хазинаи моддиро тақозо мекунад, мо онро бо кӯмаки ташкилотҳои ҳомӣ ба амал баровардаанием. Ғайр аз он дар мусобиқаҳои байналхалқӣ хусусиятҳои хоси гӯштинро намоён ва тарғиб кардан аҳамияти калон дорад. Барои ин мақсад Ассотсиатсияи байналхалқии гӯштин якҷоя бо Вазорати умури хориҷаи мамлакат баромади намоишкоронаи гӯштингиронро дар Бозиҳои олимпӣ, ки соли 2004 дар Юнон ба амал меояд, меандешанд. Мо гӯштинро нафақат ба Бозиҳои олимпӣ, балки ба бозиҳои қитъа дохил карданием. Бо ин мақсад ба кумитаи иҷроияи осиёии олимпиада таклиф пешниҳод кардем, ки дар Бозиҳои Осиё, ки дар шаҳри Пусани Куриёи Ҷанубӣ шуда мегузарад, аз рӯи гӯштин баромадҳои намоишӣ гузаронем. Умедворем, ки ин масъала мусбат ҳал мегардад. Ин дар навбати худ дар роҳи ба Бозиҳои олимпӣ дохил намудани гӯштини миллӣ қадами муҳим мебошад.

**(ЎзА).**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир Эсон Турдикулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе мебарояд.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

***Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ўзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 53.***

Теъдоди чоп 2700.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Х/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **Т. ТӮХТАЕВ.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М.
ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Г. Раҳимова.

**Нишонии мо:**

700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.